# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ)**

Парвандаи аттестатсионии № ________________

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 10.10.2025, №4

**Барои сазовор донистани Садбарги Исо, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ)**

Диссертатсияи **Садбарги Исо** дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024, таҳти №443/шд) 1- уми августи соли 2025, суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ **Садбарги Исо** 7 сентябри соли 1990 дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон таваллуд ёфта, миллаташ тоҷик мебошад. Ӯ соли 2008 таҳсилоти миёнаро дар МТМУ №33- и ноҳияи Ҳамадонӣ гирифтааст. Солҳои 2009-2014 дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ (дипломи аъло) таҳсил намудааст. Солҳои 2017-2019 зинаи магистратура (дипломи аъло) аз рӯйи ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст. Фаъолияти кориашро солҳои 2017 – 2019 ба ҳайси омӯзгори МТМУ №3 – и ш. Кӯлоб оғоз намуда, аз соли 2019 то соли 2021 омӯзгор ва аз соли 2021 то ин ҷониб ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Алимов Давлаталӣ Халилович, доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

1. **Муқарризони расмӣ: Абдурашитов Фозил Маматович,** доктори илмҳои таърих, дотсент, Мудири шуъбаи таърихи навтарини Институти

таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

2. **Ортиқов Абдурафиқ Абдраманҷонович -** номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва ватании Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон

3. **Муассисаи тақриздиҳанда** – Тақризи МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ».

Тақризи муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ба диссертатсияи **Садбарги Исо** дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) бо имзоҳои раиси ҷаласа, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик Сайнаков С.П., ташхисгар, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷик Ганҷакова М.Г. ва котиби ҷаласа – Қодирова М. бо суратҷаласаи №2, аз 15 сентябри соли 2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло аз 18.09.2025 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Садбарги Исо дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) сазовор мебошад.

Садбарги Исо муаллифи 21 интишорот, аз ҷумла 7 мақолаи тақризшаванда оид ба мавзуи мавриди таҳқиқ буда, дар конференсияҳои илмию назариявии ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат ва суханронӣ намудааст.

**[1-М]. Садбарги Исо**. Социально-бытовые и культурные изменения в жизни покорителей целины [Текст] / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Вестник Таджикского национального университета. Серия общественных наук. –

№8. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2021 – С.40-48. ISSN 2074-1847.

**[2-М]. Садбарги Исо.** Ҷалби маҷбурии сокинони ноҳияҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Кӯлоб (с.1940-1960) [Матн] / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Паёми ДМТ. – №11. – Қ.2. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2023 – С.62-67. ISSN 2074-1847.

**[3-М]. Садбарги Исо.** Таъсис додани хоҷагиҳои муҳоҷиршуда дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 20-80-уми асри XX [Матн] / Садбарги Исо, Алимов Д.Х. // Паёми ДМТ. – №12. – Қ.2. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2023 – С.50-54. ISSN 2074-1847.

**[4-М]. Садбарги Исо.** Таърихи муҳоҷиркунӣ аз ноҳияҳои кухӣ ва наздикухии вилояти Кӯлоб ба мавзеъҳои водии минтақа [Матн] / Садбарги Исо // Паёми ДМТ. – №5. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2024 – С.68-72. ISSN 2074-1847.

**[5-М]. Садбарги Исо.** Зарурати таърихии амалӣ гардидани чорабиниҳои муҳоҷиршавӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб [Матн] / Садбарги Исо // Паёми ДМТ. – №6. – Қ.1. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2024. – С.51-56. ISSN 2074-1847.

**[6-М]. Садбарги Исо.** Зарурияти таърихии тайёр кардани мутахассисони хоҷагии қишлоқ барои вилояти Кӯлоби Тоҷикистон (солҳои 1930 - 1950) [Матн] Садбарги Исо // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (Нашрияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ). – № 2 (109). – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2024. – С.247-251. ISSN 2074-1847.

**[7-М]. Садбарги Исо.** Инъикоси сабабҳои таърихии муттаҳид намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоб дар васоити ахбори умум (солҳои 1950-1970) [Матн] / Садбарги Исо // Паёми ДМТ. – №6. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума. – 2025 – С.110-115. ISSN 2074-1847.

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Садбарги Исо ворид шудаанд:

**1. Тақризи Изатов Умедҷон Хуршедович** - номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ. Тақриз мусбат арзёби шудааст.

**2. Тақризи Бармин Валерий Анатолевич** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии педагогии Олтойи ФР. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

**3. Тақризи Мамадсалимов Насим Абдулазизович** - номзади илмҳои таърих, декани факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев. Тақриз мусбат арзёби шудааст.

4. **Тақризи Назаров Насриддин Атакулович -** доктори илмҳои таърих, фалсафа ва сиёсӣ, профессори Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки ш. Тошкент. Тақриз мусбат арзёби шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи таърих буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

- баррасии масъалаҳо дар иртибот ба кӯчонидани аҳолӣ аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо дар дохили вилоят, инчунин шодобсозии заминҳои доир дар ин минтақа мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

- иллату омилҳои муҳоҷират дар дохили вилоят, шодоб намудани заминҳои доир ва дар ин замина баррасии вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят дар байни солҳои 1924 ва 1991 ба таври мушаххас муайян шудааст;

- аҳамияти муҳоҷирати дохиливилоятӣ ва умуман муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ дар вилояти Кӯлоб таҳлил ва аниқ гардидааст;

- ҳаракати муҳоҷират дар дохили вилоят ва шодоб намудани заминҳои доир нишон дода шудааст;

- таъсири ин равандҳо ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат таҳлил гардидааст;

- роҳандозии воҳидҳои нави кишоварзӣ дар минтақа ва ҷалби аҳолии муҳоҷиршуда ба корҳои кишоварзӣ дар воҳидҳо ва хоҷагиҳои навтаъсиси кишоварзӣ дар минтақа таҳқиқ карда шудааст;

- дарҷу раванди дигаргуниҳо дар вилоят ва фатҳи заминҳои нави доир инъикос гардидааст;

- масъалаи такмили тахассуси мутахассисоне, ки ба ин манотиқ барои кор оварда шуда буданд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

- баъд аз он ки тадқиқот ба поён расид, барои дар оянда истифода намудан ва роҳҳои татбиқи онҳо дар амал як қатор тавсияҳо пешниҳод гардидааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо он асоснок карда шудааст:**

– мукарраротва хулосаҳои асосии таҳқиқотро ҳангоми таҳияи асарҳои махсуси бунёдӣ оид ба таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик метавон истифода намуд.

– тавсияҳои илмии дар диссертасия зикрёфтаро метавон барои хондани курсҳои махсус, лексияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ истифода бурд.

– таҷрибаи таърихии иштироки меҳнаткашонро дар муҳоҷирати дохилӣ, соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар соҳаҳои ҷомеа метавонанд дар шароити муосир, ҳангоми идоракунии сиёсати иҷтимоии давлатӣ истифода намоянд, инчунин дар тарбияи ватандӯстии наслҳои наврасу ҷавон ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии ҳамватанони мо истифода шаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлилҳои илмӣ–назариявӣ ва таҷрибавӣ мутобиқ бо натиҷагириҳои таҳқиқот манзур карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ:** дар сатҳи навгонии диссертатсионӣ, муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, мақолаҳои илмӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ инъикос ёфтааст. Инчунин, дар тартиб додани нақша ва хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, саҳми шахсии муаллифро инъикос менамоянд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 10- уми октябри соли 2025 оид ба сазовор донистани Садбарги Исо бо дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар доктологони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 11 нафар 9 нафар иштирок дошта дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 9 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

10. 10. 2025
Ҷ.М.